# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 3.04.2026, №80**

Барои сазовор донистани Давлатзода Дилшод Шералӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ).

Диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) санаи 20 январи соли 2026, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №103 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Давлатзода Дилшод Шералӣ 25 марти соли 1997 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2015 ба зинаи бакалавриати Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, соли 2019 донишгоҳи номбурдаро бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 2019 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2021 бо дипломи аъло хатм намудааст. Солҳои 2021-2024 ҳамчун докторант (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050601 - Иқтисодиёти ҳудудӣ)-и кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Давлатзода Дилшод Шералӣ аз соли 2018 то ҳол дар вазифаҳои гуногун кору фаъолият кардааст. Солҳои 2018-2020 таҳиягари сомонаи интернетӣ (кори фосилавӣ-дистансионӣ) шуъбаи табъу нашри Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кор кардааст. Номбурда солҳои 2020-2022 эдвайзери (дар самти таълими) шуъбаи фосилавии факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият кардааст ва солҳои 2022-2023 эдвайзери (дар самти таълими)

шуъбаи фосилавии факултети ҳисобдорӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кору фаъолият кардааст. Аз моҳи апрели соли 2023 то моҳи майи соли 2025 дар вазифаи ёвари ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият кардааст. Аз моҳи майи 2025 то ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият бурда истодааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Содиқов Метархон Соқибекович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Сафозода Абдумаҷид Карим** - доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Данғара»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- **Холов Тоҷиддин Азизуллоевич** - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** дар тақризи худ, ки аз ҷониби доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва рушди касбият Айниддинзода (Авгонов) Н.А. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва рушди касбият баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №7, аз 24.02.2026) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, д.и.и., дотсент Раҳмонзода Зоир Файзалӣ бо имзо ва муҳри муассиса санаи 25.01.2026 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин бароварда шудааст, ки диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳамияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлатзода Дилшод Шералӣ барои дарёфти дараҷаи

илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ) сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 9 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М] Давлатзода, Д. Ш. Хусусият ва афзалиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д. Ш. Давлатзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №. 4-2(34). – С. 160-167. ISSN: 2663-0389

[2-М] Давлатзода, Д. Ш. Афзоиш тавассути сармоягузории хориҷӣ: марҳилаи нав барои рушди иқтисоди минтақа [Матн] / Д. Ш. Давлатзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №. 4-2(39). – С. 529-540. ISSN: 2663-0389

[3-М] Давлатзода, Д. Ш. Баъзе масъалаҳои назариявии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар шароити рушди бозор [Матн] / Д. Ш. Давлатзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №. 1(35). – С. 252-261. ISSN: 2663-0389

[4-М] Давлатзода, Д. Ш. Танзими давлатии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М. С. Содиқов, Д. Ш. Давлатзода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №. 4-2(64). – С. 28-36. ISSN: 2664-0651

[5-М] Давлатзода, Д. Ш. Сармоягузории хориҷӣ ва мавқеъи он дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ [Матн] / Д. Ш. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №. 2-2(47). – С. 219-226. ISSN: 2308-054X

[6-М] Давлатзода, Д. Ш. Роҳҳои такмили равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон / Д. Ш. Давлатзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – №. 4(43). – С. 246-256. ISSN: 2663-0389

### Дар дигар нашрияҳо:

[7-М] Давлатзода, Д. Ш. Саноатгардонии иқтисодиёти Тоҷикистон ва тақозоҳои он. / Буриева М.Ч., Д. Ш. Давлатзода // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи: «Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ: Ҷанбаҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмиллалӣ». Душанбе, 2018, саҳ. 207-209.

[8-М] Давлатзода, Д. Ш. Мировое Экономическое положение и переспективы на 2021-2022 годы. / Эмомов М.Д., Д. Ш. Давлатзода // Сборник статей международной научно-практической конференции на тему: «Таджикистан в системе современных международных финансово-кредитных отношений». г. Душанбе, ТГФЭУ, 26 ноября 2021 года с. 407-412.

[9-М] Давлатзода, Д. Ш. Таъсири сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ. Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи: «Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба Солҳои рушди саноат 2022-2026, ш. Душанбе, 6-уми майи соли 2023. Саҳ. 321-332.

**Тақризҳо ба автореферати диссертатсия:**

**1. Тақриз аз Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна - д.и.и., профессори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Беҳтар мешуд, агар муаллиф дар роҳҳои мукаммалнамоии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон механизми татбиқро пай дар пай возеҳ ва равшантар ифода мекард (саҳ. 35).

2. Муаллиф дар саҳ. 24, ҷадвали 6 оид ба «Динамикаи сармоягузориҳои хориҷии мустақим ба вилояти Хатлон дар сатҳи мамлакатҳои шарик дар солҳои 2015-2023» оварда шудааст. Беҳтар мешуд, агар муаллиф соҳаи сармоягузоришавандаро низ дар ин саҳифа таҳлил мекард.

**2. Тақриз аз Досиев Маҳмадшоҳ Назарович - д.и.и., профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Танзими давлатии масъалаҳои идоракунии раванди сармоягузории минтақаҳои кишвар дар автореферат ба таври васеъ таҳлили худро наёфтааст.

2. Хуб мешуд, агар дар автореферат самаранокии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ боз ҳам васеътар нишон дода мешуд.

**3. Тақриз аз Юнусзода Холмурод Қурбоналӣ - н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи иқтисоди сабз ва рушди устувори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ** бо чунин эродҳо:

1. Муаллиф дар саҳифаи 11-и автореферат (ҷадвали 1) сохтори мавқеи сармоягузории хориҷӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ пешниҳод намудааст. Бо вуҷуди ин, аз нигоҳи мо, мувофиқи мақсад мебуд, агар дар

ин бахш мухтавои ҳар як зерсохтори пешниҳодшуда ба таври мухтасар шарҳ дода мешуд, то мантиқи фаъолияти онҳо равшантар инъикос гардад.

2. Дар ҷадвали 4 (саҳ. 17) нишондиҳандаҳои истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023 мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар баробари ин, ба назари мо, агар муаллиф тамоюли тағйирёбии ин нишондиҳандаҳоро дар робита бо ҳаҷм ва динамикаи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ низ бо шарҳи матнӣ таҳлил менамуд, арзиши илмӣ ва таҳлилии бахш боз ҳам баландтар мегардид.

**4. Тақриз аз Раҳматов Бахтовард Қушиевич - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара** бо чунин эродҳо:

1. Муаллиф дар саҳифаи 25-и автореферат (диаграммаи 1) таҳлили сохтории муқоисаи таркиби сармоягузориҳои хориҷии воридшудаи мустақим ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2023-ро арзёбӣ намудааст. Бо вуҷуди ин, аз нигоҳи мо, мувофиқи мақсад мебуд, агар дар ин бахш ақаллан 3 ё 4 солро мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор медод.

2. Дар баъзе ҷойҳои матн ё ҷадвалу расмҳо хатогиҳои имлоӣ дида мешавад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд. Тақризҳои дигар нест.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқ масъалаҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- *консепсияи*** «иқлими мусоиди сармоягузорӣ» дар минтақаи алоҳида аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, нақши сармоягузориҳои ҷалбшуда дар рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон ошкор карда шуда, тафсири илмии хусусиятҳои ошкоршуда дар мисоли минтақаи алоҳида, аз ҷумла хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодӣ, таҳлили институтсионалии иштироки сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди хоҷагии минтақавӣ

гузаронида шуда, муаллиф марҳилаҳои ташаккули муҳити мусоиди сармоягузориро дар вилоят пайгирӣ намудааст.

- **исбот шудааст,** ки: «Такмили танзими давлатӣ ва сиёсати давлатии сармоягузорӣ, бо роҳи ташаккул додани заминаи мукаммали институтсионалӣ, истифодаи мақсадноки захираҳои васеи табиӣ ва меҳнатии вилояти Хатлон, инчунин бартараф намудани монеаҳои инфрасохторӣ, ҳуқуқӣ ва молиявӣ, имкон медиҳад, ки ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба таври назаррас афзоиш дода, сохтор ва манбаъҳои онҳоро диверсификатсия намуда, муҳаррики тавонои рушди системавии иҷтимоию иқтисодии минтақа гардад ва саҳми онро дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардорад»;

- ***роҳҳои*** баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва самаранокии истифодаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо, инчунин оид ба афзоиши ин ҷараён, аз ҷумла қутбҳои рушд, таъкид ба кишоварзии экологӣ, баланд бардоштани сармояи инсонӣ, рушди коркарди амиқ, бахусус саноати пахта ва бофандагӣ, рушди хоҷагии гармхона, парвариши ситрусӣ, рушди бахши истихроҷи маъдан, саноати кимиё ва сохтмон ҳамчун самт барои афзоиши ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ, **асоснок ва пешниҳод** карда шуданд.

- ***тавсияҳои илман асоснок таҳия ва пешниҳод шудаанд:*** а) таҳлили муқоисавии МОИ дар вилояти Хатлон, таъкид ба зарурати рушди минтақаҳои мавҷуда (МОИ “Данғара”, “Кӯлоб”, “Панҷ”); б) таъсиси минтақаҳои нави озоди иқтисодӣ ҳамчун шарти муҳимми воридшавии сармоягузории хориҷӣ; в) пешниҳоди татбиқи имконияту иқтидорҳои мавҷудаи сармоягузорӣ дар минтақа.

- ***омилҳое, ки ба афзоиши воридоти сармоягузориҳои*** хориҷӣ ба иқтисодиёти вилояти Хатлон монеъ мешаванд, муайян карда шуданд, ки аз рушди нокифояи иқтидорҳои инфрасохторӣ, нокомилии заминаи институтсионалӣ-ҳуқуқӣ, мавҷудияти хавфҳои баланд (ҳам молиявӣ ва ҳам иқтисодӣ), тарифҳои баланди андоз ва гумрук, оқибатҳои экологии тақвияти фаъолияти хоҷагидорӣ, сармоягузорӣ нисбатан пасти инсонӣ иборатанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқарраротӣ*** асосии кор бо муҳтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда ва алоқамандии он бо маълумотҳои расмии санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ марбут ба сармоягузории хориҷӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳкими равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ, маълумоти омории Агентии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарраёсати он дар вилояти Хатлон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи

ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва маводи дигар мақомотҳои дахлдор ба ҳисоб мераванд.

***- исбот шудааст,*** ки барои такмили қонунгузории соҳа, ба роҳ мондани тарроҳии касбии бизнес-нақшаҳо, ки пажӯҳиши ҷиддии бозорҳои минтақавӣ, мавҷудияти мутахассисони соҳибкасбро дар назар дорад, рушди инфрасохтори зарурӣ, модернизатсияи собиқ корхонаҳои азими минтақа, воридоти технологияи муосир ва таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ ба татбиқи имконияту иқтидорҳои мавҷудаи сармоягузорӣ ноил гардидан мумкин аст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):**

***- ғояи*** такмили танзими давлатӣ ва сиёсати давлатии сармоягузорӣ, бо роҳи ташаккул додани заминаи мукаммали институтсионалӣ, истифодаи мақсадноки захираҳои васеи табиӣ ва меҳнатии вилояти Хатлон, пешниҳод шудааст.

***- самтҳои*** такмилдиҳии равандҳои сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон, аз ҷумла рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ, мушкилотҳои асосӣ ва усулҳои беҳсозии фазои сармоягузорӣ ва роҳҳои такмили равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа баррасӣ гардидааст.

***- омӯхта шудаанд:*** 1) дидгоҳи муаллифии консепсияи «иқлими мусоиди сармоягузорӣ» дар минтақаи алоҳида аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, нақши сармоягузориҳои ҷалбшуда дар рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон ошкор карда шудааст; 2) тафсири илмии хусусиятҳои ошкоршуда дар мисоли минтақаи алоҳида, аз ҷумла хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодӣ, таҳлили институтсионалии иштироки сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди хоҷагии минтақавӣ гузаронида шуда, муаллиф марҳилаҳои ташаккули муҳити мусоиди сармоягузориро дар вилоят пайгирӣ намудааст;

- ***методикаи*** таҳлилу арзёбии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва татбиқи механизмҳои самарабахши он доир ба рушди фаъолияти бахшҳои иқтисодӣ арзёбӣ гардида, имкониятҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа мушаххас ва тақвият бахшида шуданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Иқтисодиёти минтақа», «Фаъолияти сармоягузорӣ», «Сармоягузорӣ» ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва ММКБ-и Донишгоҳи давлатии молия ва

иқтисоди Тоҷикистон **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 26.10.2024 таҳти №93**) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

***- консепсияи*** татбиқи ҳамкориҳои муфиди сармоягузорӣ бо мамлакатҳои хориҷи кишвар, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба ҳамаи шаҳру ноҳияҳо ва соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа, таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии он мукаммал гардонида шудааст.

***- стратегияи*** тақвияти раванди ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар мисоли вилояти алоҳида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути асосноккунии ҷабҳаҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои илмӣ, ҷалби маълумотҳои дақиқ оид ба мавзуи таҳқиқот ва коркарди омории онҳо, пешниҳодҳо доир ба таҳкими равандҳои сармоягузорӣ, кифоягии ҳаҷми кори диссертатсионӣ ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои кори илмӣ дар асоси таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудааст.

***- пешниҳод ва асоснок шудааст:*** ҷолибияти минтақаи Хатлон барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, таҳлил ва дарёфти ҷанбаҳои қавии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти вилоят (захираҳои меҳнатӣ, сарватҳои зеризаминӣ, иқтидори гидроэнергетикӣ, заминҳои кишоварзӣ, саноати коркард, сайёҳию фароғатӣ, инфрасохтори минтақа), равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа, таъсири сармоягузориҳои мустақим ва дигар намудҳои сармоягузорӣ ба иқтисодиёту иҷтимоиёти вилоят.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар минтақа ҳамчун муҳаррики рушди иқтисоди минтақа асосноку муътамад буда, вижагиҳо ва хусусияти хоси ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба як минтақаи ҷудогона, пойгоҳи институтсионалии он, асноди меъёрии ҳуқуқии соҳа, хусусиятҳои ба вилояти Хатлон хоси иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ нишон дода шудаанд.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи роҳҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа таҳия ва чунин **пешниҳодҳо ироа шудаанд**: а) таҳқиқи ҷанбаҳои илмиву назариявии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар минтақа ва такомули онҳо; б) коркард ва пешниҳоди консепсияи муаллифии сармоягузориҳо ҳамчун муҳаррики рушди иқтисоди минтақа; в) вижагиҳо ва хусусияти хоси ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба як минтақаи ҷудогона; г) пойгоҳи институтсионалии он, асноди меъёрии ҳуқуқии соҳа, хусусиятҳои ба вилояти Хатлон хоси иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ.

***- усулҳои*** таҳлили диалектикӣ ва мантиқӣ, абстрактӣ ва мушаххаснамоии илмӣ, муқоисавӣ ва таҳлилӣ, таҳлили оморӣ ва иқтисодию оморӣ, усули системавӣ ва дурнамосозӣ истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро 86,42 ва 90,55% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллиф дар мукаммалгардонии назарияи ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа саҳми муайяни худро гузоштааст; 2) Марҳилаҳои татбиқи нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла, омодакунии мавзуъ, асосноккунии аҳаммияти илмию назариявӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, таҳлили вазъи масъала, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, пешниҳодот доир ба беҳсозии фазои сармоягузорӣ бевосита аз тарафи муаллиф ба анҷом расонида шудаанд; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳо, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва нақши сармоягузории хориҷӣ дар пешрафт ва рушди минтақа муайян карда шудааст; 4) дар омода намудани 9 мақола, аз он ҷумла 6-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ), кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар сатҳи вилояти алоҳида саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 6,11,21 ва 25-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ) мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 03.04.2026 қарори сазовор донистани Давлатзода Дилшод Шералӣ бо дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 1 нафар тариқи маҷозӣ, аз ҷумла

мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ) аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 16 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**03 апрели соли 2026**